Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 -и
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон
734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити имрӯза яке аз қисматҳои фаъоли низоми бонкии кишвар ин бонкдории исломӣ мебошад, ки он дар айни замон аз рӯи урфу одат, эътиқодҳои динӣ, масъалаҳои дигари барои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардида истодааст, ки фаъолияти ҷадид дар низоми бонкдорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдодаи худ як қатор хусусиятҳои хоси бонкдории исломиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳолат ва рушди онро дар муқоиса ба дигар бонкҳои анъанавӣ таҳлил намудааст. Дар автореферати диссертатсия як қатор нишондиҳандаҳои муқоисавӣ анҷом гардида, ҳиссаи афзалиятнок ва рушди бонкдории исломӣ дар заминаи маълумотҳои ҶСК «Тавҳидбонк» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Вобаста ба ин муҳимиятҳо диссертатсияи иҷрогардида ба ташаккули фаҳмиши истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкдории исломӣ мусоидат хоҳад намуд.

Яке аз ҳадафҳои асоси таҳқиқоти анҷомгардида ин мушаххасоти фаъолияти бонкҳои исломӣ дар муқоиса бо бонкҳои анъанавӣ мебошад. Аз ин лиҳоз заруриятҳои иқтисодӣ ва талаботҳои ҷойдошта водор ба он менамояд, ки чунин фарқиятҳо дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ ва пешниҳод гарданд. Ташаккули даромад дар бонкдории исломӣ аз бонкдории анъанавӣ ба таври ҷиддӣ фарқият дорад. Ин аз мундариҷаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фаъолияти бонкдории анъанавии исломӣ бармеояд. Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда ба назари мо унвонҷӯ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки натиҷаи онро дар матни автореферати диссертатсия дидан мумкин аст.

Ба фикри мо, дар баробари пешравию муваффақиятҳо агар диссертант ба масъалаи зерин аҳамият медод сифати кор беҳтар мегардид:

1. Зимни арзёбии чараёни ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз равиши таҳлили омилӣ истифода менамуд ба манфиати кор мебуд.

2. Дар матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, арзанда мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Раҷабова Н.А.